**12 00 08 УГОЛОВНОЕ ПРАВО**
**12 00 08 CRIMINAL LAW**

*УДК 343*
*ББК 67.518.5*

# ШАРҲИ ИЛМИИ МАФҲУМҲОИ “ЭКСТРЕМИЗМ”, “ТЕРРОРИЗМ” ВА” РАДИКАЛИЗМ”

**Каримова Муаззам Мирзокаримовна,**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# НАУЧНАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ПОНЯТИЙ «ЭКСТРЕМИЗМ», «ТЕРРОРИЗМ» И «РАДИКАЛИЗМ»

**Каримова Муаззам Мирзокаримовна,**
*старший преподаватель кафедры уголовного права, криминалистики и коррупции ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# SCIENTIFIC INTERPRETATION OF THE CONCEPTS OF «EXTREMISM», «TERRORISM» AND «RADICALISM»

**Karimova Muazzam Mirzokarimovna,** *senior lecturer of the department of criminal law, criminology and corruption under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
**E-MAIL:** *muazzam.karimova.1978@mail.ru*

**Калидвожаҳо:** *экстремизм, терроризм, радикализм, шарҳи мафҳумҳо, сохтори конститутсионӣ, амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ*

*Як қатор ҷанбаҳои илмии шарҳи мафҳумҳои экстремизм, терроризм ва радикализм ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Зарурати тақвият бахшидани муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ, ки айни замон моҳият ва хусусияти фаромиллӣ пайдо кардаанд, таъкид шудааст. Экстремизм, терроризм ва радикализм ба амнияти миллии тамоми кишварҳои ҷаҳон таҳдиду хатари воқеӣ ба шумор меравад. Экстремизм, терроризм ва радикализм яке аз хатарҳои умумиҷаҳонии даврони муосир маҳсуб мешавад, ки ба амният ва бехатарии шахсият ва ҷомеа, сохти конститутсионии давлат, маънавиёт ва ахлоқ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти марзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд. Таърифи мафҳумҳои экстремизм, терроризм ва радикализм пешниҳод гардида, ҷанбаҳои илмии ин падидаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

**Ключевые слова:** *экстремизм, терроризм, радикализм, трактовка понятий, конституционный строй, национальная безопасность, территориальная целостность*

*Анализируется ряд научных аспектов трактовки понятий «экстремизм», «терроризм» и «радикализм». Подчеркнута необходимость усиления борьбы с преступлениями экстремистской и террористической направленности, получившими в настоящий период транснациональную форму. Отмечается, что экстремизм, терроризм и радикализм, представляя реальную угрозу национальной безопасности всех стран, являются одной из глобальных проблем современности, которая угрожает, в том числе, безопасности личности и общества, конституционному строю, духовности и нравственности, здоровью населения и территориальной целостности Республики Таджикистан. Изложено определение понятий «экстремизм», «терроризм» и «радикализм», высказан и обоснован взгляд на их теоретические научные аспекты.*

***Key-words:*** *extremism, terrorism, radicalism, interpretation of concepts, constitutional frameworks, national security, territorial integrity*

*A number of scientific aspects of the interpretation of such concepts as "extremism", "terrorism" and "radicalism" are analyzed. The need to strengthen the fight against crimes of extremist and terrorist orientation which has acquired a transnational character at the present time, is emphasized. Extremism, terrorism and radicalism pose a real threat to the national security of all the countries. This is one of the global problems of our time which threatens the security of individual and society, constitutional structure of the state, spirituality and morality, health of the population and territorial integrity of the Republic of Tajikistan being a part of the entire world . The definitions of extremism, terrorism and radicalism, their view on scientific aspects are stated and theoretically expounded.*

Тоҷикистон чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ то айни замон ҳамаи тадбирҳои заруриро дар самти муқовимат ба экстремизм, терроризм ва радикализм меандешад.

Тайи солҳои зиёд Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст [1].

Дар мақола мо тасмин гирифтаем, ки мафҳумҳои экстремизм, терроризм ва радикализмро шарҳ диҳем, зеро истилоҳҳои мазкур дар адабиёт ва тадқиқоти илмии хориҷӣ ва ватанӣ ба таври қаноатбахш маънидод нашудаанд ва дар бобати онҳо мавқеи якхела ба назар намерасад.

Дар луғатномаи С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова истилоҳи «экстремизм» чунин шарҳ дода шудааст: экстремизм пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои оштинопазир (маъмулан дар сиёсат) [2].

Мафҳуми экстремизм аз нуқтаи назари соҳаҳои гуногуни тадқиқот вобаста ба предмети он арзёбӣ мешавад. Як гурӯҳи олимон экстремизмро ба соҳаи ҳуқуқ ва зумраи дигар ба соҳаи сиёсат мансуб медонанд.

Ба ақидаи Т.Ш. Шарипов «Экстремизм ин ҳаракате, ки барои дар байни ҷомеа барангехтани бадбинӣ ё кинаю адовати сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, иҷтимоӣ равона буда, бо роҳи тайёрӣ ё паҳн намудани маводи дорои ғояе, ки зӯровариро ҳамчун шакли таъсиррасонӣ ба мухолифон ё шахсони алоҳида дуруст медонанд ва ё даъвати бевоситаро барои истифода намудани зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аз рӯи ангезаҳои зикркарда талқин менамояд» [3, С.43].

Ҳ.С. Сафаров экстремизмро чунин маънидод кардааст: «Экстремизм кирдоре, ки ба барангехтани кинаю адоват байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо ангезаи сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ бо роҳи тайёр ва паҳн намудани маводҳои идеологияи зӯроварриро тарғибкунанда, ҳамчун шакли таъсиррасонӣ ба мухолифони худ ё шахсони алоҳида, ҳамчунин ҷалби тарафдорони идеологии худ ё даъвати бевосита барои содир кардани зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои алоҳида аз рӯи ангезаҳои дар боло номбаргардида мебошад» [4, с.115].

А.Раҳнамо экстремизмро чунин шарҳ додааст: «Экстремизм ин навъе тафаккур ё фаъолияти ҷамъиятиеро ифода мекунад, ки шахси пайрави он фақат ба боварихои худаш арзишу бартарӣ қоил буда, нисбат ба меъёрҳои мавҷудаи муҳит ва ҷомеа муносибати сахтгирона, бадбинона ва оштинопазир, яъне ифротӣ дорад» [5, с.10].

Аз нуқтаи назари В.Г. Кокорев «Экстремизм ҳамчун фаъолияте, ки бар зидди асосҳои

сохти конститутсионӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва инчунин зидди шахс равона шудааст, бо истифодаи зӯроварӣ ва барангехтани кинаю адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ алоқаманд аст» [6, с.243].

Ба андешаи Д.С. Токмаков «Экстремизм рафтори ғайриқонунӣ, таҷовузкорона мебошад, ки ба ақидаҳои шадид, радикалӣ асос ёфтааст ва бар зидди ниҳодҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ равона карда шудааст, ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии дигаронро вайрон мекунад ё ба чунин рафтор даъват менамояд» [7, с.50].

А.Г. Хлебушкин мафҳуми экстремизмро чунин шарҳ додааст: «Экстремизм фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки иҷрои он ба пояҳои сохти конститутсионӣ ё асосҳои конститутсионии муносибатҳои байни одамон зарари ҷиддӣ мерасонад ё метавонад расонад» [8, с.27].

Мо ақидаи Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров ва А.Г.Хлебушкинро дастгирӣ менамоем, зеро дар ҳақиқат экстремизм ин фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ шудан он ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад, ки он бо истифодаи зӯроварӣ ё бе истифодаи зӯроварӣ ва барангехтани кинаю адоват байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо ангезаи сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ алоқаманд аст.

Шартан экстремизм яке аз тарзҳои иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба рафтор, шуур ва иродаи инсон мебошад, ки ба андешаи аксарият, бештар аз ҷанбаи таъсири манфӣ расонидан ба ботини инсон зоҳир мешавад. Экстремизм инчунин бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл намудани мухолифати иҷтимоӣ, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, амалӣ шуданаш мумкин аст. Аммо усулҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти экстремистӣ аз доираи меъёрҳои қонун мебарояд, ифротгароён фаъолияти ташвиқотию тарғиботиро амалӣ гардонида, зӯроварии мушаххасро истифода мебаранд.

Мафҳуми экстремизм дар сатҳи меъёрҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай оид ба муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ) чунин муқаррар гардидааст: «Экстремизм мафкура ва амалия мебошад, ки барои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст» [9].

Мафҳуми экстремизм инчунин дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» шарҳ дода шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 1 Қонуни мазкур зери мафҳуми экстремизм ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст, фаҳмида мешавад [10].

Бо назардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба масъалаи экстремизм бахшида шудаанд, аломатҳои зерини экстремизмро мушаххас намудан мумкин аст:

1. Экстремизм фаъолияти зиддиҳуқуқии муайян мебошад, ки барои дигаргун кардани сохти конститутсионӣ, тарзи ҳаёти маъмул, дар заминаи ҳалли зиддиқонунии масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст;

2. Экстремизм истифодаи шаклҳо ва усулҳои фаъолият дар ҳадди оштинопазирии ниҳоӣ ва радикалӣ мебошад. Асоси фаъолияти экстремизмро радикализм (тундгароӣ)

ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ радикализм экстремизмро тавлид мекунад, радикализм ва терроризм заминаи асосии терроризм ба шумор меравад;

3. Агар экстремизмро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намоем, ба сифати аломати он - зиддиҳуқуқӣ будани фаъолияти экстремистӣ, яъне аз лиҳози қонун манъ будани онҳо фаҳмида мешавад. Амалҳои мазкур бо меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ (аз ҷумла м.м. 307, $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ КҶ ҶТ), маъмурӣ (аз ҷумла м.м. 374, 476, 477, 478 КҲМ ҶТ) ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ манъ карда шудаанд.

4. Ба сифати субъектони фаъолияти экстремистӣ шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Масалан, барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсули манъшудаи воситаҳои ахбори омма, маҳсулоти чопии манъшудаи дигар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ кашида мешаванд. Ба сифати шахсони ҳуқуқӣ мумкин аст иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, нашриёҳои воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои дигар баромад кунанд.

Экстремизмро аз терроризм фарқ бояд кард, зеро мафҳуми дуюм аз мафҳуми якум бармеояд, зуҳури олии экстремизм маҳз дар терроризм ифода мешавад.

То имрӯз доир ба мафҳуми терроризм байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ ақидаи ягона мавҷуд нест.

Ба андешаи олими ватанӣ Х.С. Сафаров «...терроризм маҷмӯи таҷовузҳои ҷиноятии аз рӯи хусусияти худ муттаҳидгардидаи гурӯҳҳои мухталифе мебошад, ки ба сифати нишонаи умумӣ барои дар ҳама намуд зоҳиршавии он мавҷудияти як элемент – тарсонидани оммавӣ, ҳамчунин ба таври сиёсӣ ифода ёфтани мақсадҳои сиёсӣ баромад мекунад» [11, с.66].

Ба ақидаи Ф.А. Мирзоахмедов «Терроризм, пеш аз ҳама, як намуди алоҳидаи ҷинояти зӯроварӣ мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои муайян равона карда шудааст» [12, с.68].

Аз нуқтаи назари В.П. Емелянов «Терроризм ҳаракатҳои хавфи умумидоштаи ба таври оммавӣ содиршаванда ва ё таҳдиди содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад, ки ба тарсонидани аҳолӣ ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо мақсади ба таври бевосита ва ё бавосита таъсир расонидан ба қабули қарор ё радди он ба манфиати террористон равона карда шудааст» [13, с.38].

З.Ш. Матчанова бошад, терроризмро чунин шарҳ додааст: «Терроризм фаъолияти ғайриқонунии шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ё ташкилотҳое, ки бо идеологияи зӯроварӣ ва вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ дар миқёси дохилӣ ё байналмилалӣ асос ёфтааст, ки дар содир кардани таркиш ё амалҳои дигаре, ки боиси марги инсон мегардад ё хатарро ба вуҷуд меоварад, инчунин дар расонидани зарари молумулкӣ ифода мегардад, ки бо мақсади тарсондани аҳолии давлатҳои алоҳида ва ё гурӯҳи давлатҳо ва таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади ноустувор кардани вазъи ҷомеа ва маҷбур кардани онҳо барои қабули қарорҳои барои террористон манфиатбахш, инчунин барои дигар мақсадҳои харобиовар равона гардидааст» [14, с.47-48].

Мо ақидаи З.Ш. Матчановаро дастгирӣ менамоем, зеро дар он мафҳуми терроризм ба таври пурра шарҳ дода шудааст.

Мафҳуми терроризм инчунин дар санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла тибқи Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм «Терроризм ин мафкураи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳо аз тарафи мақомоти ҳокимият ё созмонҳои байналмилалӣ бо роҳи содир

намудан ва ё таҳдиди содир намудани зӯроварӣ ва (ё) амалиёти дигари ҷинояткоронаи вобаста ба тарсонидани аҳолӣ, ки ҳадафи он расонидани зарар ба шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад» [15].

Мувофиқи муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» «Терроризм - яьне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони хуқуқӣ, ҳамчунин нобуд сохтани (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) молу мулк ё дигар обьектҳои моддии шахсони воқеьӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамьият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамьиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таьсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии молу мулкӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамьиятӣ бо мақсади суст кардани сохти Конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қать гардидани фаолияти давлатӣ ё дигар фаьолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамьиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамьиятии онҳо, бо мақсади нооpом сохтани вазьият ё расонидани таьсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеь шудан ба фаьолияти сиёсӣ ё ҷамьиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналхалқии таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта ё аьзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхалқӣ содир шуда бошанд, мебошад» [16].

Дар асоси муқаррароти моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, «Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо мебошад» [17].

Ҳамин тавр, дар асоси ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва санадҳои байналмилалию миллӣ мафҳуми терроризмро чунин шарҳ додан мумкин аст: Терроризм ин зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони хуқуқӣ, ҳамчунин зарар расонидан ё таҳдиди зарар расонидан ба молу мулк ё дигар обьектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамьият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамьиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таьсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии молу мулкӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо фаҳмида мешавад.

Тибқи андешаи як зумра олимон терроризм чун шакли олии экстремизм зуҳур мекунад [18, с.4]. Аммо ба андешаи мо, терроризм аз экстремизм бо аломатҳои зерин тафовут дорад:

1. Мавҷуд будани хусусияти зӯроварии ҷиноятии ҳаракатҳои террористон. Экстремизм бошад, метавонад ҳам бо тариқи зӯроварӣ ва ҳам бидуни истифодаи он сурат гирад, инчунин он ҳам моҳияти ҷиноятӣ ва ҳам ғайриҷиноятӣ дошта метавонад;
2. Ҳаракатҳои террористӣ боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои хатарноки дигар барои ҷомеа мегарданд. Дар доираи экстремизм мумкин аст чунин оқибатҳо фаро нарасанд;
3. Мақсади пайравони терроризм - халалдор сохтани бехатарии ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, ба тарсу таҳлука андохтани аҳолӣ ё таъсиррасонӣ ба мақомоти ҳокимият дар қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо мебошад. Мақсади экстремизм - тавассути зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва ваколатҳои он, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат мебошад.

Экстремизмро аз радикализм низ бояд фарқ кард. Экстремизм як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм табдил меёбад. Радикализм ин «идеологияи дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият», асоснок намудани идеологияи истифода бурдани зӯроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм - ин ташвиқоти идеяи барангехтани ҷанг бо давлатҳои дигар ё генотсиди ягон қавм, гурӯҳи миллӣ дар дохили давлат мебошад. Одатан радикализм дар муҳите рушд меёбад, ки он зери таъсири таҷовузи беруна мондааст ё дар ҷамъияте, ки сохти сиёсиаш дар ҳолати фалаҷ қарор дошта, наметавонад ислоҳоти заруриро барои ҳалли масъалаҳои дохилии ҷамъияти мазкур амалӣ гардонад. Аммо роҳи радикалии ҳалли масъалаҳои дохилӣ онҳоро то дараҷае мерасонад, ки дуруст будан ё набудани ин роҳ номуайян мемонад. Радикализм дар талаб намудани натиҷаи мушаххаси мусбӣ зоҳир мегардад, ки ин маҳаки он мебошад [19, с.23].

«Радикализм» даставвал ҳамчун шакли ғайризӯроваранаи экстремизм эътироф шуда маъмулан дар асоси ангезаҳои сиёсӣ рушд менамояд ва танҳо вақте он шакли истифодаи зӯроварӣ ва ё даъвати оммавии истифодаи зӯровариро барои ноил шудан ба мақсад дар бар мекунад, он ба яке аз намудҳои экстремизм ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ табдил меёбад [3, с.40].

Маъмулан, истилоҳи «радикализм» чун муродифи мафҳуми «экстремизм» фаҳмида мешавад. Лекин ба андешаи мо, байни мафҳумҳои мазкур фарқи намоён мавҷуд аст. Радикализм метавонад бархилофи экстремизм, ки амалӣ аст, танҳо «ғоявӣ» бошад. Экстремизм дар навбати аввал диққатро ба усулҳо ва воситаҳои мубориза равона мекунад, ғояҳо бошанд, ба мавқеи дуюм мегузаранд. Оиди усулгаро будан нисбати ташкилотҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ, пешвоёни алоҳида сухан мекунанд.

Радикализм ҳамеша тамоюли мухолиф (оппозитсионӣ) мебошад ва дар ҷомеа нақши вайронкунандаи босуботӣ ва истиқрор аст. Дар заминаи он ғояҳои тунди чапгаро ва ростгаро тавлид меёбанд, ки бо амалҳои мутобиқ ҳамшафатанд.

Ба андешаи олими ватанӣ экстремизми динӣ, радикализми динӣ ва терроризми динӣ давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмӯъ тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгарои диниро ташкил мекунанд [5, с.13]. Мо низ ин ақидаро ҷонибдорӣ менамоем.

Ҳамин тавр, муайян намудани шарҳи ин се мафҳуми дар даврони муосир муҳим барои пешгирии паҳншавии онҳо байни ҷомеа, алалхусус насли наврас муфид аст. Бо дарки хатари афзуншавандаи ин зуҳуроти номатлуб қонуни ҷиноятӣ барои як қатор кирдорҳои бо фаъолияти экстремистӣ вобастабуда ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд ва татбиқи дурусти онҳо, дарки оқилонаи мафҳумҳои мазкур барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самти эмин доштани сохти давлатдорӣ, созандагӣ ва ҷомеаи солим кӯмак хоҳад расонд.

Экстремизм ин фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ шудан он ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад, ки он бо истифодаи зӯроварӣ ё бе истифодаи зӯроварӣ ва барангехтани кинаю адоват байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо ангезаи сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ алоқаманд аст. Экстремизм яке аз тарзҳои иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба рафтор, шуур ва иродаи инсон мебошад, инчунин бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл намудани мухолифати иҷтимоӣ, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, дар назар дошта мешавад. Экстремизм ин мафкура ва амалияест, ки барои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст.

Терроризм - падидаи паҳншудаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад, ки бо ихтилофҳои дар ҷомеа мавҷудбуда ва ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ тааллуқдошта вобаста аст. Терроризм ин зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони хуқуқӣ, ҳамчунин зарар расонидан ё таҳдиди зарар расонидан ба молу мулк ё дигар обьектҳои моддии шахсони воқеьӣ ва хуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамьият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамьиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии молу мулкӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо фаҳмида мешавад.

Радикализм ин идеологияи дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият, асоснок намудани идеологияи истифода бурдани зӯроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм - ин ташвиқоти идеяи барангехтани ҷанг бо давлатҳои дигар ё генотсиди ягон қавм, гурӯҳи миллӣ дар дохили давлат мебошад. Экстремизм ин радикализм дар амал аст. Аломатҳои радикализм - дар маъракаҳои гуногуни ифротгароёна зоҳир мешаванд, яъне радикализм дар майнаи сари инсон ва дар манзил, экстремизм - дар мушт ва майдонҳо зуҳур мекунад.

Экстремизм, радикализм ва терроризм давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмӯъ тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгароиро ташкил мекунанд.

***Пайнавишт:***

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018, шаҳри Душанбе / Манбаи интернетӣ:* http:// Prezident.tj. *(Санаи муроҷиат: 20.12.2020)*

2. *Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., Оникс 21 век, 2010. Манбаи интернетӣ: http://ozhegov-online.ru. (Санаи муроҷиат: 15.01.2021)*
3. *Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С. Баъзе андешаҳои перомуни таносуби мафҳумҳои «Экстремизм», «Фундаментализм», «Радикализм», «Натсионализм» ва «Сепаратизм» // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - № 4 (28). - С.38-45*
4. *Сафаров Х.С. Соотношение определений «Террористическая деятельность» и «экстремистская деятельность» в законодательстве Республики Таджикистан // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - № 1 (15). - С.109-117*
5. *Раҳнамо А. Хатари гуруҳҳои ифротгароии динӣ чист? – Душанбе, Ирфон, 2015. – С.128*
6. *Кокорев В. Г. Соотношение понятий: «Терроризм» и «Экстремизм» // Социально – экономические явления и процессы. – Тамбов, 2013. - № 1 (047). – С.239-244*
7. *Токмаков Д. С. Подходы к определению понятия экстремизм // Проблемы теории и практики борьбы с экстремизмом и терроризмом: материалы научно-практической конференции. – Ставрополь, СКФУ, 2015. – С.48-50*
8. *Хлебушкин А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации. Дис. канд. юрид. наук. - М., 2007. – С.202*
9. *Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай оид ба муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ) аз 09 июни соли 2017 / Манбаи интернетӣ: http://rus.sectsco.org. (Санаи муроҷиат: 04.02.2021)*
10. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 02 январи соли 2020 / Манбаи интернетӣ: http://mmk.tj. (Санаи муроҷиат: 20.12.2020)*
11. *Сафаров Х.С. Основные подходы к определению соотношения понятий «террор» и «терроризм» в уголовном праве // Гражданин и право. –М, 2011. № 1. – С. 62-69*
12. *Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование). Дис. канд. юрид. наук. - М., 2016. –С.193*
13. *Емельянов, В.П. Терроризм и преступления с признаками терроризирования: уголовно-правовое исследование. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – С.291*
14. *Матчанова З.Ш. «Факторы распространения терроризма в современной России: криминологический анализ». Дис. канд. юрид. наук. - СПб., 2015. – С.229*
15. *Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм аз 16 июни соли 2009 / Манбаи интернетӣ: http://rus.sectsco.org. (Санаи муроҷиат: 04.02.2021)*
16. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16.11.1999 бо тағйироту иловагиҳо дар ҳолати 25.12.2015 / Манбаи интернетӣ: http://mmk.tj. (Санаи муроҷиат: 20.12.2020)*
17. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 бо тағйироту иловагиҳо дар ҳолати 17.12.2020 / Манбаи интернетӣ: http://mmk.tj. (Санаи муроҷиат: 20.12.2020)*
18. *Кочои С.М. Терроризм и экстремизм: Уголовно-правовая характеристика. – М., 2005. – С.176*
19. *Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм». Зери таҳрири муовини якуми Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи сеюм Холиқов А.Ғ. - Душанбе, 2014. – С.233*


***Reference Literature:***


1. *The Message of Tajikistan Republic President, Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Reverend Emomali Rahman to Majlisi Oli (Supreme Council) of*

*Tajikistan. 26.12.2018. Dushanbe // Internet-Source: http://prezident.tj. (Date of request: 20.12.2020).*

2. *Ozhegov S.I., Shvedova N.Yu. Interpretation Dictionary of the Tajik Language. M., Onix, the XXI-st century, 2010. Internet-Source: http://ozhegov-online.ru. (Date of request: 15.01.2021).*
3. *Sharipov T.Sh., Safarov H.S. Some Considerations Concerned with Correlation of the Concepts "Extremism", "Fundementalism" "Radicalism", "Nationalism" and "Separatism" // The Works of Tajikistan Republic Academy under the Ministry of Home Affairs of Tajikistan. – Dushanbe, 2015, #4(28). – pp. 38 – 45.*
4. *Safarov H.S. Correlation of Definitions "Terroristic Activity" and "Extremistic Activity" in Tajikistan Republic Legislation // The Works of Tajikistan Republic Academy under the Ministry of Home Affairs of Tajikistan. – Dushanbe, 2015, #1(15). – pp. 109 – 117.*
5. *Rahnamo A. Where Lies the Danger of Religious Extremistic Groups? – Dushanbe: Cognition, 2015. – p. 128.*
6. *Kokorev V.G. Correlation of Concepts "Terrorism" and "Extremism" // Socio-Economic Phenomena and Processes. – Tambov. 2013, #1 (047). – pp. 239 – 244.*
7. *Tokmakov D.S. Approaches to the Definitions of the Concept "Extremism" // Problems of Theory and Practice of Struggle with Extremism and Terrorism: materials of scientific-practical conference. – Stavropol, Northern-Caucasian Federal University, 2015. – pp. 48 – 50.*
8. *Khlebushkin A.G. Criminal Extremism: Concept, Types, Problems of Criminalization and Penalization. Candidate dissertation in jurisprudence. – M., 2007. – p. 202.*
9. *Convention of Shanghai Organization of Cooperation on Withstanding to Extremism (Fundamentalism) from June 9, 2017 // Internet-Source: http://rus.sectsco.org. (Date of request: 04.02.2021).*
10. *Tajikistan Republic Law "On Withstanding Extremism" from January 2, 2020 // Internet-Resource: http://mmk.tj. (Date of request: 20.12.2020).*
11. *Safarov H.S. Major Approaches to Determination of Correlation of Concepts "Terror" and "Terrorism" in Criminal Law // Citizen and Law. – M., 2011, #1. – pp. 62 – 69.*
12. *Mirzoahmedov F.A. Criminal Answerability for Terrorism according to Legislations of Tajikistan Republic and Russian Federation (comparative-legal research). Candidate dissertation in jurisprudence. – M., 2016. – p. 193.*
13. *Yemelyanov V.P. Terrorism and Crimes with the Tokens of Terrorizing: Criminal-Legal Investigation. – SPb: "Press" Juridical Centre. 2002. – p. 291.*
14. *Matchanova Z.Sh. Factors of Spreading Terrorism in Contemporary Russia: Criminological Analysis. Candidate dissertation in jurisprudence. – SPb., 2015. – p. 229.*
15. *Convention of Shanghai Organization Versus Terrorism from June 16, 2009 // Internet-Resource: http://rus.sectsco.org. (Date of request: 04.02.2021).*
16. *Tajikistan Republic Law "On Struggle against Terrorism" from 16.11.1999 with Alterations and Addenda fro 25.12.2015 // Internet-Resource: http://mmk.tj. (Date of request: 2012.2020).*
17. *Penal Code of Tajikistan Republic from May 21, 1998 with Alterations and Addenda for 17.12.2020 // Internet-Resource: http://mmk.tj. (Date of request: 20.12.2020).*
18. *Kochoi S.M. Terrorism and Extremism: Criminal-Legal Characteristic. – M., 2005. – p. 176.*
19. *Commentary to Tajikistan Republic Law "On Withstanding to Extremism". – Dushanbe, 2014. – p. 233*